# Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ФАРМОИШ

аз «26» майи соли 2017, №64 ш. Душанбе

Дар бораи ташкил ва баргузор намудани машварати августии ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

Бо мақсади такмили сатҳи маҳорати касбӣ, самаранокии фаъолияти ҳайати роҳбарикунанда, кормандони муҳандисию омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи талаботи банди 10 Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармоиш медиҳам:**

1. Номгӯи мавзӯъҳои машварати августии ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони муҳандисию омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Директорони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ матни маърӯзаҳои бахшҳои таълимию методиро омода намуда, то 1 июли соли 2017 ба нишонии Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намоянд.
3. Ташкил ва гузаронидани машварати августии ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони муҳандисию омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба зиммаи сардори Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон Гулшанов Р., директори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Табаров Т. ва сардори Шӯрои директорони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ Зокирова З. гузошта шавад.
4. Машварати августии ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони муҳандисию омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии вилояти Хатлон дар Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Восеъ» (22 августи соли 2017), вилояти Суғд дар Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Мастчоҳ» (25 августи соли 2017), шаҳри Душанбе, Вилояти Мухтори

Кӯҳистони Бадахшон  ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Файзобод» (29 августи соли 2017) гузаронида шавад.

5. Сардори Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон Гулшанов Р., директори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Табаров Т. ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ташкил ва гузаронидани машварати августӣ ва иштироки шахсони масъулро таъмин намоянд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзозода А.Н. гузошта шавад.

Вазир С. Тағойзода

Бо фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «26» майи соли 2017, №64 тасдиқ шудааст

**Номгӯи**
мавзӯъҳои бахшҳои машварати августии ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони муҳандисӣ - омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

**Бахши директорони муассисаҳои таълимӣ**

1.Вазифаҳои роҳбарият ва кормандони муҳандисӣ - омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар партави Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016.

2.Салоҳияти касбии омӯзгор - шарти муҳимтарини баланд бардоштани сифати таҳсилот.

3. Рушди иқтидори педагогии мутахассисони ҷавон - омили баланд бардоштани сифати таҳсилот.

4.Ҳамкории муассисаи таълимӣ бо корфармоён оид ба тайёр кардани кадрҳои коргарӣ мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат.

5. Шӯрои муҳандисӣ - омӯзгорӣ, Шӯрои методӣ – мақоми пешбаранда дар раванди таълиму тарбия.

6. Тадбирҳо оид ба таъмини босифати назорати дохилӣ дар муассисаҳои таълимӣ ( аз таҷриба).

7. Талаботи педагогӣ ба таҳлили дарс аз ҷониби роҳбарият (аз таҷриба).

8. Инноватсия дар таълим – усулҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим.

**Бахши муовинони директор оид ба корҳои таълими истеҳсолӣ, сарустоҳо**

1. Усул ва воситаҳои баланд бардоштани сифати тадриси фанҳои тахассусӣ.

2. Усули назорати иҷрои нақша ва барномаҳои таълимӣ (аз таҷриба).

3. Назорати дохилии таълимгоҳӣ - омили муҳими пешрафти раванди касбомӯзӣ.

4. Истифодаи технологияи иттилоотӣ- компютерӣ дар дарсҳои тахассусӣ (аз таҷриба).

5. Моҳият ва аҳамияти озмунҳои маҳорати касбӣ ( аз таҷриба).

6. Таълимӣ ба бозори меҳнат нигаронидашуда.

7. Истифодабарии технологияи муосири таълимӣ дар дарсҳои назариявӣ ва машғулиятҳои амалӣ.

8. Гурӯҳи идоракунии сифати таълим - омили тасвияти раванди таълиму тарбия( аз таҷриба).

9. Рушди қобилияти эҷодкории хонандагон

**Бахши муовинони директор оид ба корҳои таълим, методистон ва омӯзгорони фанҳои табиӣ - риёзӣ**

1. Такмили сифати донишандӯзии хонандагон, натиҷаи кори самарабахши комиссияҳои методӣ.

2. Назорати дохилитаълимгоҳӣ ва ҳадафҳои он.

3. Моҳияти Дарсҳои кушод дар ташаккули маҳорати педагогии кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ.

4. Алоқамандии фанҳои табиӣ - риёзӣ бо фанҳои тахассусӣ.

5. Иштирок ба дарс, таҳлил ва натиҷагирӣ (аз таҷриба).

6. Истифодаи тахтаи интерактивӣ дар раванди таълим.

7. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои назариявӣ.

8. Шӯрои методӣ ва комиссияҳои методӣ, аҳамияти он дар ташаккули маҳорати касбии омӯзгорон ва муҳандисон.

9. Усулҳои муосири тадриси машғулиятҳои таълими истеҳсолӣ.

10. Шакл ва усулҳои баргузории Хонишҳои педагогӣ.

11. Мониторинги донишандӯзии хонандагон натиҷаи арзёбии заҳмати омӯзгор.

12. Усулҳои таҳияи коркарди методӣ

**Бахши муовинони директор оид ба корҳои тарбия, китобдорон, ва омӯзгорони фанҳои умумӣ -гуманитарӣ**

1. Татбиқи самтҳои асосии Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ.

2. Раванди татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (аз таҷриба).

3. Чорабиниҳои маданӣ-маърифатӣ ва варзишӣ, мавқеи онҳо дар худогоҳӣ ва худшиносии хонандагон .

4. Тарбияи экологӣ, муносибати ғамхорона ба сарватҳои табиӣ, даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор 2018-2028» .

5. Саҳми Кумитаи падару модарон дар пешбурди раванди таълиму тарбияи хонандагон.

6. Китобхонаи электронӣ ва аҳамияти он дар донишандӯзии касбомӯзон.

7. Ваҳдати миллӣ-омили асосии пойдории давлати тоҷикон.

8. Ташаккули таҳаммулпазирии шахсият.

9. Маърифати экологӣ ва тарзи ҳаёти солим.

10. Истифодабарии самарабахши маводи шабакаи интернетӣ дар дарс.

**Бахши методии омӯзгорони фанҳои тахассусӣ**
**ва устоҳои таълими истеҳсолӣ**

1. Шаклҳои ташкили корҳои таълими истеҳсолӣ бо хонандагон
2. Ташаккули маҳорату малакаи касбии хонандагон дар дарсҳои таълими назариявии фанҳои тахассусӣ.
3. Аттестатсияи хатми тахассусӣ – омили асосии баланд бардоштани маҳорату малакаи касбомӯзии хонандагон.
4. Усулҳои муосири гузаронидани дарсҳои таълими истеҳсолӣ.
5. Талаботи методӣ ба дарс ( машғулияти таълими истеҳсолӣ.
6. Устои таълими истеҳсолӣ - ташкилотчӣ, омӯзгор ва тарбиятгар.
7. Таснифоти навъи дарс (машғулият ) – и таълими истеҳсолӣ.